ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич дар мавзуи «Тарҳрезии усулҳои муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистон Ҷанубӣ», ки ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-039 барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.6 – Паразитология пешниҳод шудааст

Пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор, аз ҷумла тейлериоз, пироплазмоз ва бабезиоз, аз беморихои муҳими паразитӣ буда, дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон паҳн шудаанд. Онҳо боиси паст шудани маҳсулнокӣ, талафоти чорво ва афзоиши хароҷоти табобатию пешгирикунанда гардида, ба соҳаи чорводорӣ зарари иқтисодӣ мерасонанд. Паҳншавии беморихо аз шароити табиӣ-иқлимӣ, фаъолияти канаҳои иксодӣ, синну сол ва зоти чорво вобаста мебошад. Аз ин рӯ, омӯзиши вазъи эпизоотологӣ, ташхис, табобат ва пешгирии пироплазмидозҳо дар шароити Тоҷикистон, махсусан минтақаҳои ҷанубӣ, аҳамияти муҳим дорад.

Диссертатсияи Абдурахимов Саъди Давлаталиевич ба омӯзиши паҳншавии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор ва таҳияи усулҳои муосири муолиҷа ва пешгирии онҳо бахшида шудааст. Муаллиф паҳншавии *Theileria annulata*, *Babesia bigemina* ва *Babesia colchica*-ро дар минтақаҳои гуногун омӯхта, вобастагии сироятёбиро аз баландӣ, синну сол, зот ва мавсим, инчунин шаклҳои моно- ва инвазияи омехтаро муайян намудааст. Ҳамзамон, таркиби намудии канаҳои иксодӣ – интиколдиҳандагони пироплазмидозҳо ва нақши онҳо дар паҳншавии беморихо таҳқиқ шудааст.

Навгонии илмии кор дар омӯзиши муфассали фауна ва паҳншавии пироплазмидҳо дар экосистемаҳои гуногуни Тоҷикистон Ҷанубӣ, муайян намудани самаранокии ваксинаи заифкардашудаи зидди тейлериоз дар асоси штамми S15-и *Theileria annulata* ва арзёбии маводи муосири зиддипротозойӣ ва инсектоакарисидӣ ифода меёбад. Самаранокии ваксина дар шароити таҷрибавӣ 100% муайян гардида, дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот низоми маҷмӯии табобат, пешгирӣ ва мубориза бар зидди пироплазмидозҳо пешниҳод шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, барои такмили донишҳо оид ба эпизоотологияи пироплазмидозҳо, ташхис, табобат, пешгирӣ ва назорати канаҳои иксодӣ истифода шуда метавонанд. Онҳо барои фаъолияти хадамоти байторӣ ва хоҷагиҳои чорводорӣ, пешгирии талафоти чорво ва нигоҳ доштани маҳсулнокии он аҳамияти амалӣ доранд.

Натиҷаҳои диссертатсия бо маводи саҳроӣ, озмоишгоҳӣ ва таҷрибавӣ асоснок гардида, истифодаи усулҳои мувофиқи ташхисӣ ва коркарди маълумот эътимоднокии онҳоро таъмин менамояд. Диссертатсия дар ҳаҷми 160 саҳифа буда, аз мукаддима, баррасии адабиёт, мавод ва усулҳои таҳқиқот, 13 зерфасли таҳқиқоти хусусӣ, муҳокимаи натиҷаҳо, хулосаҳо, пешниҳодҳои амалӣ ва рӯйхати 273 сарчашма, аз ҷумла 62 манбаи хориҷӣ, иборат мебошад. Натиҷаҳо бо 11 ҷадвал ва 3 расм пешниҳод шудаанд.

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи ба рӯйхати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшуда, ба нашр расидааст.

Мазмун ва натиҷаҳои диссертатсия ба самтҳои асосии паспорти ихтисоси 4.3.6 – «Паразитология», аз ҷумла масъалаҳои омӯзиши барангезандагони бемориҳои паразитӣ, ташхис, табобат, пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемориҳои инвазионӣ, инчунин дезинсексия ва дезакаризатсия мувофиқат менамояд.

Хулоса

Таҳлили мухтавои автореферат нишон медиҳад, ки диссертатсияи Абдурахимов Саъди Давлаталиевич дар мавзуи «Тарҳрезии усулҳои муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистон Ҷанубӣ» таҳқиқоти мустақилона ва анҷомёфта буда, ба ҳалли масъалаи муҳими паразитологияи ветеринарӣ бахшида шудааст. Бо назардошти мазмун, ҳаҷм, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ ва натиҷаҳои бадастомада, диссертатсияи Абдурахимов Саъди Давлаталиевич дар мавзуи «Тарҳрезии усулҳои муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистон Ҷанубӣ» ба талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 «Дар бораи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ба кормандони илмӣ ва илмӣ-педагогӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Абдурахимов Саъди Давлаталиевич – сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.6 – «Паразитология» мебошад.

Муқарриз:
ходими калони илмии
шуъбаи паразитологияи ИЗваП АМИТ,
номзади илмҳои биологӣ,
Искандаров Ф.М.
«09» 10 соли 2026

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 6, ҳуҷраи 123.
Тел.: 935-79-47-47;
почтаи электронӣ: firuz.i@mail.ru

Имзои Искандаров Ф.М.-ро
тасдиқ менамоям:
нозири калони шуъбаи
кадрҳои ИЗваП АМИТ **Якубова Н.М.**

ДУРУСТ:
САРИНСПЕКТОРИ ШУЪБАИ
КАДРҲОИ ИЗ ва П АМИТ.
“ ” с. 20
ИМЗО

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Гулистон, ИЗваП АМИТ,
қуттии почтавӣ 70;
тел.: (+992-37)-884-88-86;
почтаи электронӣ: izip41@mail.ru
«09» 10 соли 2026